**ДАСТУРАМАЛИ МАНСАБИИ**
**Котиби дуюми Шӯъбаи қабули ҳайатҳо ва ҳамкорӣ бо мақомоти Раёсати ташрифоти давлатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Номи мансаб – котиби дуюми Шӯъбаи қабули ҳайатҳо ва ҳамкорӣ бо мақомоти Раёсати ташрифоти давлатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба категорияи чоруми мансаби маъмурии хизмати давлатӣ мансуб аст.

3. Котиби дуюми Шӯъбаи қабули ҳайатҳо ва ҳамкорӣ бо мақомоти Раёсати ташрифоти давлатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд котиби дуюми Шӯъба) аз тарафи Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазир) мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

4. Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба Сардори Раёсати ташрифоти давлатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Сардори Раёсат) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5. Дар давраи муваққатан ҳозир набудани котиби дуюми Шӯъба ӯҳдадориҳои мансабии ӯ ба котиби сеюми Шӯъба ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани котиби сеюми Шӯъба ӯҳдадориҳои мансабиаш ба мушовири Шӯъба вогузор карда мешаванд.

Кормандони дар Шӯъба фаъолияткунанда тибқи феҳрист (муовини Сардори Раёсат – Сардори Шӯъба, мушовир, котиби дуюм, котиби сеюм) ба Сардори Раёсат тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд.

6. Котиби дуюми Шӯъба дар доираи салоҳиятҳои худ ба мақсади ҳамоҳанг сохтани масъалаҳои вобаста ба таҳияи сафарҳо ва ё дигар масъалаҳои марбут ба самтҳои фаъолияти Шӯъба бо воҳидҳои сохтории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазорат), Хадамоти ташрифоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ, намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди созмонҳои байналхалқӣ, намояндагиҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд намояндагиҳо), мақомоти кишвар, инчунин сафоратҳо ва намояндагиҳои дипломатии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, аз ҷумла намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ менамояд.

## 2. Талаботи тахассусӣ

7. Барои мансаби котиби дуюми Шӯъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

- таҳсилоти олӣ;
- собиқаи меҳнатӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ»;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, ду забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии мазкурро ба танзим медоранд;
- мавҷудияти малакаи сатҳи баланди муошират;
- на камтар аз як маротиба дар 2 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- малакаи кор бо компютер ва дигар воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир;

8. Котиби дуюми Шӯъба бояд дорои малака ва истеъдоди баланди татбиқи Муқаррароти умуми ташрифоти давлатӣ дар фаъолияти рӯзмарра ва истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ ва дипломатӣ бошад.

## 3. Ӯҳдадориҳои мансабии котиби дуюми Шӯъба

9. Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ», Низомномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Раёсат, Дастурамали мансабӣ, Муқаррароти умумии ташрифоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти раёсату вазорат ва дастуру супоришҳои роҳбарияти Вазорат, вазифаҳои ба ӯҳдадоштаро иҷро мекунад;

10. Корбарӣ ва роҳандозии Муқаррароти умумии ташрифоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар фаъолияти рӯзмарраи худ таъмин менамояд;

11. Ҷиҳати ташкил, омодасозӣ ва баргузории сафарҳои сатҳи олӣ ва баланди ҳайатҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ меандешад, масъалаҳои тадорукотӣ-ташрифотии марбут ба танзим ва баргузории қабули ҳайатҳои сатҳи олӣ ва баланди хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат, пайгирӣ ва иҷро менамояд, инчунин дар сатҳи баланд риоя гардидани одоби ташрифотиро зимни сафарҳои ҳайатҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

12. Ба иҷроиши меъёрҳои ташрифотӣ дар чорабиниҳо бо иштироки роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд;
13. Дар танзим ва баргузории мулоқоти роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ашхоси расмии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд;
14. Ба мақсади ҳамоҳангсозӣ ва таҳияи сатҳи баланди сафарҳои давлатӣ, расмӣ ва кории ҳайатҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳайатҳои (гурӯҳҳои) муқаддамотӣ мулоқот ороста, ҷиҳати ташкили сафар дар сатҳи олӣ тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд;
15. Масъалаҳои марбут ба гирифтани иҷозат барои ворид намудан ва нигоҳдошти яроқ ба афсарони муҳофизи ҳайатҳои хориҷиро зимни сафар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пайгирӣ ва иҷро менамояд;
16. Дар кори таҳия ва нашри чопии (типографии) лавозимоти (атрибутикаи) ташрифотӣ мусоидат мекунад;
17. Бо супориши Ҳукумати ҶТ, роҳбарияти Вазорат ва Раёсат, барои таъмини риояи рукнҳои ташрифотӣ зимни баргузории чорабиниҳои сатҳи олӣ ва баланд бо ташаббуси дигар вазорату идораҳои давлатӣ, мусоидат менамояд;
18. Истиқбол ва гусели ҳайатҳои расмии хориҷиро мутобиқи меъёрҳои ягонаи ташрифоти давлатӣ таъмин менамояд;
19. Дар таҳияи ҳисоботи Раёсат барои давраҳои семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва солона, инчунин нақшаи кории Раёсат иштирок мекунад;
20. Барои коромӯзии таҷрибаомӯзон, стажёрҳо ва ихтиёриён (волонтёрҳо)-ро дар Раёсат мусоидат мекунад;
21. Раванди судури агремани (ризоияти) сафирони кишварҳои хориҷиро назорат ва пайгирӣ менамояд;
22. Масъалаҳои марбут ба судури ризоият барои таъини атташеҳои низомии кишварҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро назорат ва пайгирӣ менамояд;
23. Танзими мулоқоти ҳайатҳои хориҷии сатҳи олӣ ва баланд бо роҳбарияти олии кишвар;
24. Таҳияи тарҷумаи ҳоли сафирони кишварҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд;
25. Истифодаи мақсаднок ва нигоҳдошти лавозимоти (атрибутикаи) ташрифотиро назорат ва таъмин менамояд;
26. Бо дастур ва супориши роҳбарияти Вазорат ва Раёсат дигар вазифа ва ӯҳдадориҳоро иҷро мекунад.

## 4. Ҳуқуқҳои котиби дуюми Шӯъба

27. Котиби дуюми Шӯъба ҳуқуқ дорад:

- дар баррасии масъалаҳои дар доираи ӯҳдадориҳои мансабии худ ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;
- маводҳои дар ихтиёри Раёсат қарордоштаро омӯзад;
- бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ заруриро дархост намояд;

- барои бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки хилофи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ мебошанд, таклиф пешниҳод намояд;
- дар гузаронидани ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои марбут ба фаъолияти Раёсат иштирок намояд ва аз Раёсат намояндагӣ кунад;
- ҷиҳати таҳкими фаъолияти Шӯъба ва Раёсат таклиф пешниҳод намояд;
- ҳисоботи семоҳа, нимсола, нӯҳмоҳа ва солонаи худ, санадҳои санҷишӣ (гузоришҳо) оид ба натиҷаи санҷиши фаъолияти мақомоти давлатӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ба фаъолияти Шӯъба дахлдошта ва гузоришҳо ҷиҳати таҳкими фаъолияти Шӯъбаро ба Сардори Раёсат пешниҳод менамояд;
- дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5. Масъулияти котиби дуюми Шӯъба

28. Котиби дуюми Шӯъба дорои масъулиятҳои зерин мебошад:

- барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;
- мавҷудияти мамониатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ», «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъин намудан ба мансаб ва дар мансаб будан;
- барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ», «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;
- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;
- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;
- барои риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- барои саривақт ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволи хизматчии давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;
- дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

29. Котиби дуюми Шӯъба барои иҷро накардан ва/ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

30. Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи хадамоти кадрӣ ба котиби дуюми Шӯъба бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

31. Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ӯҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии Шӯъба ва ё Раёсат ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии котиби дуюми Шӯъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.